# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Қурбонзода Нигина Қурбон дар мавзуи «Асосҳои педагогии омодагии омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ дар низоми талаботи илми педагогикаи муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) пешниҳод гардидааст.

Автореферати мазкур ба тадқиқоти масъалаи мубрами соҳаи таҳсилот – омодагии омӯзгорони оянда ба истифодаи усулҳои таълими интерактивӣ дар равандҳои таълимӣ бахшида шудааст. Дар замони ҳозира, ки таҳсилоти босифат яке аз омили калидии рушди иҷтимоӣ ва зеҳнии ҷомеа маҳсуб меёбад, таҳқиқи илмии чунин масъала саривақтӣ ва аҳамиятнок мебошад.

Муаллиф дар тадқиқоти худ бо такя ба усулҳои муосири тадқиқоти педагогӣ, масъалаи ташаккули омодагии касбии омӯзгорони ояндаро дар шароити истифодабарии технологияҳои таълими интерактивӣ таҳлил ва арзёбӣ намудааст.

Дар кори диссертатсионӣ яке аз масъалаҳои муҳими педагогии замони муосир, яъне асосҳои педагогии омодагии омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ дар низоми талаботи илми педагогикаи муосир бахшида шудааст. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ, талабот ба омӯзгорони касбӣ, ки на танҳо дониши амиқи фаннӣ, балки малакаҳои муошироти муассир доранд, афзоиш ёфтааст. Ин мавзуъ на танҳо аз ҷиҳати педагогӣ, балки аз лиҳози иҷтимоӣ низ аҳамияти калон дорад, зеро омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ нақши муҳим мебозанд.

Зикр кардан ҷоиз аст, ки салоҳиятнокии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ на фақат аҳамияти инфиродӣ, балки нақши муҳими иҷтимоӣ низ дорад. Салоҳиятнокӣ дар инсон ҳисси масъулият, тафаккури амиқ,

қобилияти эҷодкорӣ ва навовариро ташаккул дода, ба ҳалли муваффақонаи масъалаҳо ва монеаҳои иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки салоҳиятнокӣ заминаи асосии рушди мутахассиси оянда ба ҳисоб меравад.

Навгонии илмии кори диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки нахустин маротиба дар доираи илми педагогикаи тоҷик масъалаи омодагии омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ ҳамчун як низоми педагогӣ таҳқиқ шудааст. Дар рисолаи мазкур муаллиф модели назариявию амалӣ таҳия намуда, сохтори марҳилаҳои омодагӣ – аз ташаккули донишҳои назариявӣ то рушди малакаҳои амалӣ ва корбурдии онҳо дар шароити таҷрибавӣ – асоснок кардааст. Муаллифи рисола бо роҳи озмоиши педагогӣ ва татбиқи барномаҳои таълимӣ исбот намудааст, ки омодагӣ ба таълими интерактивӣ таъсири мусбат ба самаранокии раванди таълим, баланд бардоштани сатҳи фаъолият ва худшиносии касбии омӯзгорони оянда мерасонад.

Дар рисола аз ҷониби муаллиф асосҳои назариявӣ ва методологии омодасозии омӯзгорони оянда ба таълими интерактивӣ дар заминаи талаботи илми муосири педагогика асоснок карда шуданд. Тибқи он заминаҳои психологӣ ва педагогии консепсияи амсиласозии раванди таълими ВИ таҳқиқ гардида, равишҳои муосири татбиқи он муайян карда шудаанд. Ин раванд имконият медиҳад, ки омӯзгорони оянда тавонанд қобилиятҳои зеҳнию маърифатии худро тавассути истифодаи воситаҳои техникӣ рушд дода, бо шароити нави таълим мутобиқ шаванд.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти мазкур масъалаи муҳим ва ҳалли назариявию амалии онро пешниҳод менамояд. Он метавонад ҳамчун заминаи методологӣ барои таҳияи барномаҳои таълими омӯзгорони оянда истифода шавад. Кор барои муҳити илмӣ ва низоми таҳсилоти педагогии кишвар арзишманд арзёбӣ мегардад.

Муаллиф дар кори илмии худ ба мушкилоти асосии мавҷуда дар самти омодагии омӯзгорони оянда ишора мекунад. Аз ҷумла, норасоии таҷрибаи

амалӣ дар истифодаи усулҳои интерактивӣ, набудани муҳити муосири таълимӣ ва паст будани сатҳи огоҳӣ нисбат ба имкониятҳои таълими интерактивӣ аз ҷумлаи монеаҳое мебошанд, ки ҳангоми омодасозии кадрҳо ба назар мерасанд. Ин мушкилот баёнгари зарурати бознигарии равандҳои таълим ва тарбияи мутахассисони соҳаи педагогика мебошанд.

Дар автореферати пешниҳодшуда муаллиф яке аз масъалаҳои асосии илми педагогӣ – омода намудани омӯзгорони оянда бо истифодаи усулҳои интерактивии таълим дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Пеш аз ҳама, таҳқиқот ба он нигаронида шудааст, ки омӯзиши интерактивӣ дар низоми муосири маориф мавқеи муҳимро ишғол намуда, яке аз равишҳои муассири баланд бардоштани сифати омодасозии омӯзгорон мебошад.

Дар кори илмӣ инчунин мавқеи ҳамкории байни омӯзгор ва донишҷӯ дар шароити таълими интерактивӣ таъкид шудааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки муваффақияти таълим на танҳо ба дониши омӯзгор, балки ба тарзи муносибат, фарҳанги муошират ва қобилияти идоракунии равандҳои таълим вобаста аст. Ин ҷанбаҳо дар равиши педагогикаи муосир ҳамчун унсурҳои калидӣ ба ҳисоб мераванд.

Аҳаммияти амалии ин таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада ва тавсияҳои дар он зикршуда метавонанд дар такмил ва бозомӯзии омӯзгорони фанни информатика истифода шаванд. Ин модел инчунин ҳамчун воситаи самарабахши баланд бардоштани сифати омодагии омӯзгорон хизмат намуда, барои беҳтар намудани ҷараёни таълими фанҳои педагогӣ ва усулҳои таълим таъсири мусбат мерасонад.

Дар хулоса қайд кардан ҷоиз аст, ки диссертатсияи Қурбонзода Нигина Қурбон ба талаботи Низомномаи Комиссияи аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ аст ва муаллифи он Қурбонзода Нигина Қурбон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи

ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.05 – Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ) сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи
«Математикаи олӣ ва физика»-и Донишкадаи политехникии
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик
М. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд Раҳимов А.А.
19.09.2025с.

*Имзои А.А. Раҳимовро тасдиқ мекунам:*

*Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва назорати иҷро-и* Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик
М. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд Юсупова М.Ш.